“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т.,профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло
«_17_»____01_____соли 2023

# ХУЛОСАИ

**Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Кори диссертатсионӣ Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Олимов Тағойбек Шодиевич соли 2011 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси педагог-психолог хатм кардааст. Аз соли 2015 дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ба сифати ассистент аз соли 2020 бошад то ба имрӯз дар кафедраи мазкури факултети педагогика ҳамчун муаллими калон кору фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ - **Файзализода Ҷумахон Хол** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавзуи рисолаи илмии Олимов Тағойбек Шодиевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27-уми январи соли 2017, таҳти №6/8.1 оид ба ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тасдиқ гардидааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор маъруза ва гузоришҳои илмӣ баён шудаанд.

Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки муқарризи холис доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ Солеҳов Шамсиддин ва бо ироаи тақризи муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Шуҳрат Кучибоев муҳокима гардид.

Аз маърузаи унвонҷӯ, саволу ҷавоб, гузоришоти муқарризони расмӣ ва муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд, ки муайян ва дарк намудани моҳияти ғояву ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ошкорнамоии робитаи эҷодиёти онҳо бо амалияи тарбияи оилавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносибу самарабахши истифодабарии онҳо дар раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нуктаҳои муҳими ҳалталаби мавзӯи таҳқиқот ба шумор мераванд.

Объекти таҳқиқоти мазкурро асосан афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI ташкил медиҳад.

Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсиониро муайян намудани асосҳои назариявӣ ва педагогиву психологии ташаккули афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) ташкил додааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия зимни таҳлили ҳикояву абёт ва пандҳо ташаккул додани арзишҳои оиладорӣ дар мисоли адабиёти классикӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Аз ин ҷиҳат, барои расидан ба мақсад ҳалли чунин вазифаҳои зерин зарур ҳисобида шудааст:

- зиддият миёни неруи бузурги мероси пурғановати педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI оид ба арзишҳои оиладорӣ, афзудани талабот ба оилаи муосир зимни ташаккули чунин арзишҳо;

- зиддият миёни равандҳои доимовусъатёбандаи ҷаҳонишавӣ ва бӯҳрони шадиди демографӣ, ки пайваста ба пойдории оилаи муосир хатар

эҷод мекунад ва мавҷуд набудани консепсияи илман асосноки арзишҳои оиладорие, ки дар заминаи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ;

-зиддият миёни робитаи ногусастании таърихии суннатҳои оиладории ниёгон ва арзишҳои оилаи муосири тоҷик ва зарурати асосноксозии илмии таъмини ҳамбастагии онҳо дар раванди бунёди оилаҳои намунавӣ.

-тарзи таҳлили мазмуну мундариҷаи матнҳои аз осори классикон баргузида, оид ба арзишҳои оиладорӣ дармисоли классикон ворид карда шуда, манзур гаштаанд.

Маълум гардид, ки унвонҷӯ вазифаҳои пешгузоштаи худро бо муваффиқият анҷом додааст, ки хулосаву тавсияҳо пешниҳод намудааш ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсия асосан усулҳои таҳлилӣ, оморӣ, мушоҳидавӣ ва муқоисавиро ба кор бурдааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** низ аз тозагиҳои ғояҳои илмӣ ва аз мустақилияти фикрии рисоланавис дарак медиҳанд. Аз ҷумла нуктаҳои зерин:

- мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик аниқ карда шудааст;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шудааст;

- роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар бунёди оилаҳои солими муосир коркард карда шудааст;

- шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** низ ҷолиби диққат буда, беш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки:

- муқаррароти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи бағоят муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим заминаи воқеии иттилооти арзишманди илмиро фароҳам меорад;

-хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад;

- доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои оиладорӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад;

-педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ғанӣ мегардад;

Маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот низ аҳамияти амалии таҳқиқот бархурдор аст. Маводи диссертатсия барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ, педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика истифода бурдан мумкин аст.

Ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, дар раванди пажӯҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

Дар заминаи таҳлили амиқи таҳқиқоти педагогӣ оид ба ҳаёту фаъолият ва мероси эҷодии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, инчунин омӯзиши мустақими илмию назариявии осори педагогии онҳо оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ хусусиятҳои хоси ин масъалаҳо ва нуктаҳои зерин ба ҳимоя манзур шудаанд:

- осори педагогии онҳо дар зери таъсири таълимоти Қуръон, асарҳои таълимию тарбиявии мутафаккирони Юнони қадим, аҳли тасаввуф, насиҳатномаҳои даврони паҳлавӣ эҷод шудааст;

-дар «Қобуснома»-и Кайковус ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба монанди никоҳ, вафодориву муҳаббат, меҳру садоқат, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва шафқати волидайн нисбат ба фарзандон, ғамхорӣ нисбат ба саломатӣ, илмомӯзиву донишандӯзӣ ва ахлоқи онҳо, донистани ҳаққи падару модар ва эҳтироми калонсолон, фарҳанги меҳмондорӣ дар оила, муносибати неку ба ҳамдигар ва ҳамсоягон, хешовандону дӯстон ва росқавлӣ дар ҳамбастагӣ ба ғояи асосии таълимоти сӯфия - тарбияи «Инсони комил» бо забони сода ифода шудааст;

-дар афкори педагогии Ғаззолӣ ва Кайковус тарбияи инсони идеалӣ ё ба ибораи тасаввуфӣ «Инсони комил» бо иштироки мустақим ва фаъолонаи падару модар таъкид шуда, ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ робитаи ногусастанӣ дорад;

- дар масъалаи бунёди оила ва шартҳои солимию пойдории он, таълиму тарбияи фарзанд Қайковус ва Ғаззолӣ ҳамақидаанд;

-дар самти тарбияи зеҳниву ҷисмонии фарзандон дар оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири онҳо Унсурулмаолии Кайковус ва Ғаззолӣ ба падару модар тавсия медиҳанд, ки ин кори пурмасъулиятро бо меҳру самимият аз синни кӯдакӣ оғоз кунанд;

-Ғаззолӣ заминаи муҳими солимию пойдории оиларо дар робитаи мустақим бо омодагии маънавию равонии никоҳшавандагон арзёбӣ карда, тибқи аҳкоми шариат консепсияи мукаммали никоҳро асоснок намудааст, ки чунин тафсилоти арзиши мазкури оиладорӣ дар «Қобуснома»-и Кайковус ба назар намерасад;

-яке аз аз арзишҳои муҳими оиладорӣ якдигарфаҳмиро Ғаззолӣ бо мавҷудияти ҷуфти нек, яъне нексуханӣ, нексуратӣ, нерой будани ҳамсарон вобаста донista, ободии рӯзгору хонадон ва охиратро дар робитаи ногусастанӣ бо он арзёбӣ кардааст. Дар ин маврид Кайковус ба фарзандаш Гелоншоҳ якрӯю якрой будан ва ҳангоми ба миён омадани мушкилот дар хонадон машварат карданро тавсия медиҳад;

-яке аз муҳимтарин арзишҳои оиладорӣ - муҳаббатро Ғаззолӣ самараи маърифат ва накӯкорӣ арзёбӣ кардааст; Дар таълимоти Кайковус ишқу муҳаббат ва расми ойини он нисбат ба осори Ғаззолӣ ҷойгоҳи нисбатан маҳдуд дошта, вале муҳаббат доштан ба ҳамсар ва некӯ доштани он ҳамчун яке аз шартҳои муҳими пойдорӣ ва солимии оила таъкид шудааст.

-дар таълимоти иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва педагогии худ Ғаззолӣ фитрати аслиро ҳамчун заминаи асосии таълиму тарбия арзёбӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ падару модар дар таъмини хушбахтии оилавии фарзандон масъулияти муштарак доранд;

-яке аз хусусиятҳои барҷастаи таълимоти Ғаззолӣ дар самти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз он иборат аст, ки ӯ онро дар алоқамандии зич ба марҳилаҳои камолоти фарзандон баррасӣ карда, таъкид мекунад, ки масъулияти волидайн аз синни ҳафтрӯза шудани фарзанд оғоз меёбад;

- «Қобуснома» ҳамчун барномаи мушаххасу ҳадафманди тарбиявӣ дар раванди камолоти инсон ангезаҳои гӯшанишиниву хилватгузиниро сарфи назар намуда, табъи инсонро баҳри бунёдкориву созандагӣ болида месозад;

- дар таълимоти Ғаззолӣ масъулият ва мавқеи шахс дар ҷомеа ва оила ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ӯ алоқаманд карда шуда, бар дӯши инсон бори ин дунёву охират ба таври нисбатан барҷаста гузошта шудааст.;

- «Кимиёи саодат» ҳамчун асари дидактикӣ хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар он тамоми афкори пешқадами педагогии антикӣ ва асримиёнагӣ оид ба проблемаҳои ахлоқию тарбиявӣ, аз ҷумла ташаккули арзишҳои оилавӣ

дар омезиши ногусастанӣ бо андешаҳои пуркимати муаллиф инъикос ёфтаанд;

Дар ниҳоят, таъкид шудааст, ки дар радифи омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва ақоиди олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, педагогикаи оиладорӣ зарурати дар микёси ҷаҳон, аз ҳама бештар, дар доираи арзишҳои оиладорӣ намудани инсоният зимни тавзеҳот дақиқ карда шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Олимов Т. Ш. таҳти унвони "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мекунад. Мақолот ва дастуру интишороти унвонҷӯ мавзуи таҳқиқотро фаро гирифта, автореферат ба мундариҷаи диссертатсия комилан мутобиқат мекунад.

Хулоса, шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон кори диссертатсионии Олимов Тағойбекро кори илмӣ-таҳқиқии муҳиму арзишманд ва анҷомёфта меҳисобад.

Диссертатсия ва автореферати Олимов Т.Ш. дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Шурои олимон дар асоси музокираи ҷаласа ва тақризҳои мусбати муқарризони холис - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ Солеҳов Шамсиддин ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шуҳрат Кучибоев диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевичро таҳти унвони "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" кори анҷомёфта шуморида, онро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон қабул гардид.

**Иштирок доштанд: 17 нафар аъзои Шурои олимон.**

**Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-17 нафар, “муқобил” - нест, “бетараф” -нест, қарори № 5/4 аз 30.12.2022.**

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, раиси Шурои олимонифакултети педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ф. Давлатзода

**Муқарризон:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ш.А. Солеҳов

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии ДДХ ба номи Б.Ғафуров — Ш. Кучибоев

Котиби ҷаласа, котиби илмии Шурои олимони факултети педагогика — С. Тағоев

Имзоҳои Ф. Давлатзода, Ш.Солеҳов, Ш.Кучибоев ва С.Тағоевро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — А. Мустафозода

*Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*тел:+ 992 (37) 224-13-83 E-mail: info@tgpu.tj*